Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара, Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ ба диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзуи «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод гардидааст.**

## 1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзуи «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз: 9.3. Рушди инфрасохтори муносибатҳои қарзӣ, афзорҳо, шаклҳо ва методҳои муосири пешниҳоди қарз; 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.10. Инноватсияҳои молиявӣ дар бахши бонкӣ; 10.18. Проблемаҳои мувофиқсозии ташаккул ва инкишофи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 10.22. Маҳсулоти нави бонкӣ: намудҳо, технологияи ташкил, тарзҳои татбиқ; 10.23. Проблемаҳои инкишофи ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ мутобиқат мекунад.

Қайд кардан зарур аст, ки масъалаҳои дар рисола баррасигардида пурра бандҳои дар боло овардашудаи Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-ро дар бар мегирад.

## 2. Мубрам будани мавзӯи диссертатсия

Дар шароити муосир, низоми маблағгузории хурд ба яке аз омилҳои калидӣ дар самти роҳандозии ҷараёни идоракунии вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар табдил ёфтааст. Таҷриба нишон медиҳад, ки низоми маблағгузори хурд, танҳо дар ҳолате тақвият меёбад, ки агар фаъолияти ҳар як ниҳоди он (ташкилотҳои маблағгузории хурд) дар алоҳидагӣ рушд ва инкишоф ёбанд. Вобаста ба ин, метавон қайд кард, ки рушду инкишофи фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд, аз дуруст коркард ва пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ, вобаста ба талаботҳои муштариёни худ (шахсони воқеӣ ва соҳибкорони хурду миёна) ва инчунин тоб овардан ба рақобатнокӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкии кишвар вобастагӣ дорад. Ин аст, ки ҳоло дар бозори бонкӣ дар баробари хизматрасониҳои бонкҳои тиҷоратӣ инчунин талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд низ афзоиш ёфтааст. Аз ин рӯ, ҳоло ташкилотҳои маблағгузории хурдро зарур аст то баҳри афзоиши пойгоҳи муштариёни худ, инчунин ба масъалаи такмили хизматрасониҳои бонкӣ низ диққат диҳанд.

Дар ин хусус, муаллиф дар таҳқиқот шарҳ медиҳад, ки такмилдиҳии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд рӯз аз рӯз аҳамияти бештарро касб намуда истодааст ва пеш аз ҳама, дар ин ҷараён як қатор омилҳо, ба мисли: дастрас будани захираҳои қарзии ташкилотҳои маблағгузории хурд ба тамоми муштариён (аз ҷумла: муштариёне, ки имконияти гирифтани қарзро аз бонкҳои тиҷоратӣ надоранд), рушди тамоюли истифодаи технологияҳои муосири бонкӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд ва ғайраҳо мусоидат намудаанд.

Гузашта аз ин, аҳаммияти хизматрасониҳои бонкӣ дар низоми маблағгузориҳои хурд аз он иборат мебошад, ки ташкилотҳои маблағгузории хурд бо мақсади ташаккул додани сатҳи даромаднокӣ ва рақобатнок гардидан дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ бо шумораи зиёди муштариён, ҳатто муштариёне, ки таърихи манфии қарзӣ доранд, ҳамкорӣ менамоянд, ки

ҳолати мазкур хавфи сари вақт барнагаштани маблағҳои қарзиро меафзояд. Дар ин хусус, доктори фалсафа (PhD) қайд намудааст, ки дар чунин ҳолат ташкилотҳои маблағгузории хурд метавонанд баҳри коҳишдиҳии хавфҳои қарзӣ инчунин аз маҳсулотҳои суғуртавӣ низ истифода намоянд.

### 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертасия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Дар таҳқиқоти назариявӣ ва амалии диссертасия мувафақиятҳои илмии доктори фалсафа (PhD) ҳамчун натиҷаи мухтасари навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллифиро дар бар мегирад, ки дар заминаи он муаллиф шакли фишурдаи таҳқиқоти илмии худро бо ҷамъбасти мушаххасоти он пешниҳод намудааст. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф дар асоснокнамоии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастовардашуда дар самти таъмини устувории фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ва хизматрасониҳои онҳо дар шароити муосир зоҳир мегардад ва ин ҷанбаҳоро ҳамчун муваффақиятҳои таҳқиқоти илмӣ ҳисоб намудан мумкин аст. Аз ин лиҳоз, бахши навгониҳои илмии рисола таҳлили амиқи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ташаккули равандҳои инноватсионӣ, вазъи хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми муосири хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд, бозори хизматрасониҳои қарзии хурд ва арзёбии тамоюлҳои дар он ҷойдошта ва дигар нишондиҳандаҳои ба хизматрасониҳои бонкии низоми маблағгузории хурд алоқаманд, ки аз ҷониби муаллиф коркарду пешниҳод гардидаанд, масъалаи асосӣ мебошанд ва ба ҳайси навгониҳои илмӣ баромад менамоянд:

1. Муаллиф дар рисолаи илмӣ ҷанбаҳои назариявии хизматрасониҳои бонкӣ ва маблағгузории хурдро таҳлилу баррасӣ намуда, ташаккулёбии истилоҳи «маблағгузориҳои хурд»-ро дар мувофиқат бо андешаҳои муҳаққиқони мактабҳои иқтисодӣ муайян намудааст. Илова ба ин, қайд намудааст, ки тартиби таҳияи маҳсулотҳои бонкӣ аз ҷониби ташкилотҳои

маблағгузории хурд бо роҳу усулҳои муайян амалӣ гардида, он дар муқоиса бо бонкҳои тиҷоратӣ пешниҳод шудааст.

2. Дар рисола хусусиятҳо ва принсипҳои фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд бар бозори хизматрасониҳои бонкӣ муайян гардида, риояи онҳо яке аз масъалаҳои муҳим арзёбӣ гардидааст. Илова ба ин, ба сифати муҳимтарин принсипҳои маблағгузории хурд таҳия гардидаанд: ҳамгироии низоми маблағгузории хурд бо соҳибкорон, тартиб ва услуби пешниҳоди қарзҳои хурд ва ғайраҳо. Ҳамчунин таҳқиқоти муаллиф муайян намудааст, ки асосҳои институтсионалӣ дар самти таъмини самаранокии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд нақши муҳим дошта, баҳри такмили он дар қаламрави кишвар омӯзиши таҷрибаи як қатор кишварҳои ҷаҳон, ба мисли: Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Гурҷистон, Ҷумҳурии Лаҳистон ва Федератсияи Русия муҳим арзёбӣ гардидааст. Бо таҳқиқи кишварҳои номбурда, муаллиф муайян сохтааст, ки тақвияти фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд аз таҳкими заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, рушди хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, таъмини рушди интернет-бонкинг, роҳандозии қарзҳо тариқи онлайн ва ғайраҳо алоқаманд мебошад.

3. Дар доираи таҳқиқи вазъи муосири бозори маблағгузории хурд ошкор гардидааст, ки дар нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд тамоюли зиёдшавӣ ҷой дошта, нишондиҳандаҳои марбута бо маҷмуи маҳсулоти дохилӣ алоқамандии мустақим дорад. Дар муофиқат бо ин, бо истифода аз усулҳои риёзву иқтисодӣ мушаххас шудааст, ки болоравии нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд имконияти расонидани таъсири мусбиро ба ташаккули маҷмуи маҳсулоти дохилӣ доро мебошад. Ҳамчун, ба сифати яке аз объектҳои таҳқиқотӣ муаллиф фаъолияти ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» интихоб намуда онро бо истифода аз зарибҳои гуногун баҳогузорӣ ва бо истифода аз усулҳои риёзиву иқтисодӣ дурнамои рушди фаъолияти ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл»-ро то соли 2030 коркард ва таҳия намудааст.

4. Муаллифи рисола ба таври илмӣ исбот намудааст, ки такмили хизматрасониҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳод гардида, рушди аз дараҷаи истифодаи технологияи инноватсионӣ, рушди инфрасохтори рақамӣ ва тақвияти заминаҳои қонунгузорӣ иборат буда, омилҳои мазкур самаранокии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурдро дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ таъмин менамояд. Илова ба ин, дар рисола муайян шудааст, ки ҳоло дар самти таҳияи хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд мушкилотҳои зиёде ба назар мерасанд, ки ба сифати яке аз онҳо мушкилоти иқтисодӣ-ташкилӣ баромад намуд, он аз нуқтаи назари институтсионалӣ арзёбӣ ва роҳҳои бартарафсозии мушкилоти марбута пешниҳод шудааст.

## 4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Аҳамияти илмӣ ва амалии рисолаи диссертатсионии доктори фалсафа (PhD) Буриев Шоҳин Муддинович ба он асос меёбад, ки коркардҳо ва таҳқиқотҳои назариявӣ ва методии олимони дохилию хориҷӣ аз тарафи муаллиф баррасӣ гардидаанд ва дар ин бахш заминаҳои бавуҷудоии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар низоми бонкии кишвар ва дигар тафсирҳои ба ин баробар мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор гирифта, ҳамчун натиҷа ошкорнамоии хусусиятҳо ва принсипҳои муқоисавии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои марбута ва роҳу усулҳои муосири мукаммалгардонии онҳоро муайян ва пешниҳод намудааст. Дар ин замина, бо имкониятҳои нави илмӣ ва амалии мавҷуда, муаллиф ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Илова ба ин, дар қисмати асосҳои амалии таҳқиқоти илмӣ заминаҳои такмили хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд бо ҳисоби рақамикунонии фаъолияти ташкилотҳои марбута аз тарафи муаллиф таҳлилу баррасӣ гардида, дар ин самт, муаллиф тавассути маълумотҳои оморӣ ва сомонаҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон,

Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон ва ташкилотҳои маблағгузории хурди ватанию хориҷӣ корбарӣ намудааст, ки мувофиқи мақсад мебошад. Дар баррасӣ ва асосноккунии масъалаи мазкур доктори фалсафа (PhD) дар боби якуми рисолаи илмӣ дар 3 зербоб (саҳ. 14-56) таҳқиқоти илмӣ гузаронида, ҷанбаҳои назариявии ин масъаларо зери таҳқиқ қарор додааст. Илова бар ин дар боби 2-юм ва 3-юми рисолаи илмии худ муаллиф ҷанбаҳои амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии асосии диссертатсияро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст, ки бандҳои зерини тақризи мазкурро пурра инъикос менамояд (саҳ. 57-152). Зеро аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз коркарди тавсияҳои мушаххас оид ба самтҳои таъмини устувории фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ва такмили хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои марбута дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

5. **Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**

Муаллифи рисола дар таҳия ва татбиқи чораҳо ҷиҳати баррасӣ ва таҳқиқи дурусти диссертатсия як қатор меъёрҳои илман асоснокро риоя намудааст: таҳия ва баррасии мавзуи илмӣ, арзёбӣ ва баҳодиҳии сатҳи мубрам будани мавзуи таҳқиқот, мақсадгузорӣ ва вазифагузорӣ дар ҷараёни дурусти таҳқиқот, инчунин, интишорҳо ва дигар пешниҳодҳо аз тарафи муаллиф истифода гардидааст, ки ин масъала мавқеи муаллифро дар баррасӣ ва арзёбии мавзуи таҳқиқот дар сатҳи зарурӣ инъикос менамояд. Дар баробари ин, муаллиф дар самти баррасии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд ва аҳамияти иқтисодии он як қатор коркардҳои мушаххаси мубрамро истифода намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

**6. Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**

Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии рисолаи илмӣ вобаста ба таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, асосноккунии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки пурра фарогирии мавзуи баррасишаванда мебошад,

ҳамчун натиҷа дар семинарҳо ва конфронсҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ ва байналмилалӣ дар солҳои 2021-2024 муҳокима шудаанд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқот ва коркардҳои илмиро дар ҷараёни таълим ва дигар таҳқиқотҳои илмӣ васеъ истифода бурдан мумкин аст. Вобаста ба ин ҷанбаҳои амалишавии таҳқиқот, ки он натиҷаи таҳқиқоти илмии муаллифи рисола мебошад ба як қатор дастовардҳо ноил гардидааст. Қобили қайд аст, ки тибқи пешниҳодҳои муаллиф натиҷаҳои таҳқиқотро дар самти таълим дар муассисаҳои олии касбӣ ва ташкилотҳои соҳавӣ низ истифода бурдан мумкин аст.

Гузашта аз ин, мавриди қайд аст, ки баҳои воқеӣ ва қаблии таҳқиқоти диссертасияи доктори фалсафа (PhD) барои мушаххасоти ҷараёни пайдарпайии таҳқиқоти илмӣ ва даврабандии таҳқиқот вобаста ба нашри маводи илмӣ, дар мувофиқат бо самти мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 16 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия ва чоп гардидаанд.

## 7. **Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**

Диссертатсияи илмӣ дар шакли муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат буда, он маҷмуъан дар ҳаҷми 186 саҳифаи матни компютерӣ, ки дар он 41 ҷадвал, 12 диаграмма, 20 расм ва 4 замима инъикос ёфтаанд, таҳия шудааст.

Доктори фалсафа (PhD) Буриев Шоҳин Муддинович вобаста ба сатҳи фарогирӣ ва таҳқиқи мавзӯи баррасишаванда ҷиҳатҳои татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертасионии худро дар бобҳо ва зербобҳои алоҳида, ки шарти зарурӣ мебошанд мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст, ки тафсири конкретии онро дуруст баҳогӯзорӣ намудан мумкин аст.

Доктори фалсафа (PhD) дар боби аввали диссертатсия «Асосҳои назариявии хизматрасониҳои бонкӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд»

назарияи хизматрасониҳои бонкӣ дар низоми иқтисодӣ, давраҳои ташаккулёбии маблағгузори хурд, моделҳои маблағгузории хурд ва имкони истифодаи онҳо дар низоми маблағгузории хурди кишвар, хусусиятҳо ва принсипҳои пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ дар низоми маблағгузории хурд ва сохтори институтсионалии низоми марбутаро мавриди таҳлил ва баррасии амиқ қарор дода ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст, ки чунин муваффақиятҳо натиҷаи заҳматҳои муаллифи рисолаи илмӣ мебошад. Дар ин боб ва зербобҳои алоҳидаи он, муаллифи рисолаи илмӣ тамоми масъалаҳои назариявии равандҳои хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд ва таъсири мусбии онро ба рушди иқтисодиёт мавриди баррасии амиқ қарор додааст.

Дар ин боби рисола муаллиф ҷанбаҳои назариявии хизматрасониҳои бонкӣ ва маблағгузории хурдро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, як қатор натиҷаҳои назаррасро ба даст овардааст. Дар зербоби якуми боби аввали рисола муаллиф вобаста ба мушаххасоти назариявии маблағгузории хурд нуқтаи назари олимонро мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода, вобаста ба ин андешаҳои худро оид ба мушаххасоти масъала ҳамчун натиҷаи иловагӣ манзур намудааст (саҳ. 21-22). Ҳамчунин дар зербоби дуюми боби аввал вобаста ба муайян намудани мавқеи ташкилотҳои маблағгузории хурд дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ хусусиятҳо ва принсипҳои муқоисавии пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ аз ҷониби ташкилотҳои мазкур таҳқиқу баррасӣ гардида, дар ин асос муаллиф ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст, ки нишондиҳандаҳои онро ба таври зарурӣ дар рисолаи илмӣ дидан мумкин аст (саҳ. 37-39).

Дар ин замина муаллифи рисолаи илмӣ дар самти мусоидат ба рушди низоми маблағгузории хурд омӯзиши таҷрибаи афзалиятноки кишварҳои мушаххасӣ ҷаҳонро, монанди: Федератсияи Руссия, Ҷумҳурии Гурҷистон, Ҷумҳурии Белорус ва Ҷумҳурии Лаҳистон зарур ҳисобида, истифодаи таҷрибаи афзалиятноки кишварҳои марбутаро ҷиҳати рушди низоми маблағгузориҳои хурди кишвар пешниҳод намудааст.

Дар боби дуюм бошад муаллифи рисолаи илмӣ «Таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати муосири хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо иловаи таҳлили ҳолати муосири бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти молиявии ҶСП ТАҚҲ «Имон Интернешнл»-ро арзёбӣ намудааст, ки дар ин самт муаллиф ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Қайд кардан зарур аст, ки доктори фалсафа (PhD) дар ин боб як қатор алоқамандиҳои хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд ва таъсири мутақобилаи онро бо дигар нишондиҳандаҳо аз қабили: тамоюли тағйирёбии шумораи ташкилотҳои маблағгузории хурд дар давоми солҳои 2016-2023, ҳиссаи қарзҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд дар ҳаҷми қарзҳо дар низоми бонкӣ дар давоми солҳои 2016-2023, тамоюли тағйирёбии ҳаҷми қарзҳои хурди додашуда ва пардохтшудаи ташкилотҳои маблағгузории хурд дар давоми солҳои 2016-2023, тағйирёбии сохтори бақияи қарзҳои хурди ТМХ аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёт дар давоми солҳои 2016-2023 (бо ҳисоби фоиз), матритсаи таҳлили коррелятсионии алоқамандии нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои мблағгузории хурдро бо Маҷмӯи маҳсулоти дохила, ки амалкардҳои илмии муаллифи рисола қобили дастгирӣ мебошанд, оварда шудааст (саҳ. 57-73).

Ҳамзамон дар зербоби дуюм ва сеюми боби дуюми рисола муаллиф саравал нақши ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл»-ро дар низоми маблағгузории хурди кишвар арзёбӣ ва сипас рақамикунонӣ ва нақши он дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурдро таҳқиқ намуда, ҳамзамон ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст (саҳ. 74-99).

Дар боби сеюми рисолаи илмии муаллиф ба масъалаҳои асосии «Самтҳои афзалиятноки тақвияти хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд» таваҷҷуҳ зоҳир гардида, ҳолати ҷорӣ ва механизмҳои такмили рақамикунонии ташкилотҳои маблағгузории хурд, муаммоҳо ва роҳҳои мушаххаси ҳалли он дар бозори маблағгузории хурди кишвар ва тақвияти сифати хизматрасониҳои бонкӣ дар низоми маблағгузории хурди

Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқ намуда, ба як қатор натиҷаҳои назаррас ва муваффақиятҳои илмӣ ноил гардидааст, ки ба андеши мо ин дастоварди илмии муаллифи рисола мебошад. Дар илова бо ин гуфтан мумкин аст, ки доктори фалсафа (PhD) Буриев Шоҳин Муддинович гуфтаҳои мазкурро бо масъалаҳои муҳими зерин асоснок намудааст: сохтори таркибии инфрасохтори муосири рақамӣ ва хизматрасониҳои бонкӣ дар бозори бонкӣ, гуруҳбандии самтҳои муосири истифодаи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд, сохторҳои заминаҳои институтсионалӣ дар самти такмили рақамикунонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд, механизми такмили раванди рақамикунонии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд, гурӯҳбандии муаммоҳои бозори маблағгузории хурд ва таҳияи механизми бартарафсозии онҳо, таҳқиқи амалии усулҳои баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои бонкӣ ва пешниҳоди натиҷаҳои он дар шакли замима, таҳияи нақшаи роҳандозии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои бонкӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд ва ғайраҳо мавриди баррасӣ қарор додааст, ки дар ҳамин замина низ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Бо ҳамин мақсад дастовардҳои муаллиф вобаста ба масъалаҳои баррасигардида қобили қабул ва дастгирӣ мебошанд.

**8. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Таҳқиқоти диссертасионии доктори фалсафа (PhD) дар як қатор маҷалаҳои илмии тақризшванда нашр гардиданд, ки давоми мантиқии кори анҷомгардида мебошад. Илова бар ин муқарраротi натиҷаҳои асосии диссертасия дар 16 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Маҷмуан корҳои илмии интишоргардида тибқи талаботҳои мавҷуда муҳтавои асосии паҳлуҳои гуногуни диссертатсияро инъикос менамоянд.

**9. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия**

Диссертатсияи доктори фалсафа (PhD) дар заминаи муқаррароти низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида муқаддима, мубрамии мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзӯи илмӣ, робитаи таҳқиқот ва натиҷаҳои асосии он бо як қатор Стратегия ва барномаҳои муҳимми соҳавӣ ҳамбастагӣ дошта, муҳиммияти ин масъала ба банду бобҳои ҳуҷҷатҳои мазкур: «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», «Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026», «Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», Паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» рост омада, ба бандҳои алоҳидаи ин ҳуҷҷатҳои муҳим мутобиқат менамояд.

Дар умум диссертатсия дорои моҳияти баланди илмӣ буда, ҳамаи масъалаҳои дар муқаддимаи рисола инъикосгардида пурра дар матни он аз тарафи доктори фалсафа (PhD) Буриев Шоҳин Муддинович инъикос гардидаанд, ки пурра муваффақиятҳои он маҳсуб меёбанд. Илова бар ҳамаи дастоварду муваффақиятҳо гуфтан мумкин аст, ки дар бобҳои якум, дуюм, сеюм ва ҳамзамон дар хулоса, пешниҳодҳо ва замимаҳо, натиҷаҳои муваффақиятомези муаллифро мушоҳида намудан мумкин аст.

## 10. Камбудиҳои таҳқиқоти диссертасионӣ

Вобаста ба таҷриба дар баъзе ҳолатҳо камбудию норасоиро низ асоси пешрафти корҳо меноманд, ки он боиси тақвияти ин ё он соҳаи муайян мегардад. Албатта дар самти таҳқиқотҳои илмӣ низ чунин норасоиҳо метавонанд ба афзудани малака ва маҳорати таҳқиқотчӣ барои бознигарии ин ё он соҳа мусоидат намояд. Вобаста ба ин, хотиррасон бояд намуд, ки муваффақияту комёбиҳои таҳқиқоти диссертасионии доктори фалсафа (PhD)

дар доираи мавзуъ ва дар шароити имрӯза дорои арзиши баланди илмӣ буда, ҳамчунин дорои як қатор норасоӣ ва камбудиҳо низ мебошанд, ки дар сурати баинобатгирии онҳо мумкин буд то рисолаи илмӣ моҳиятан дигаргун шавад ва онҳо иборатанд аз:

1. Дар қисми хотимавии боби якум муаллиф оиди таҷриба ва нуқтаи назари як қатор олимони хориҷӣ такя намуда, андешаи онҳоро роҷеъ ба ташкили хизматрасониҳои бонкӣ нишон додааст, аммо нуқтаи назари олимони ватанӣ дар ҳамин масъала кам ба назар мерасад.

2. Бо таҳлили вазъи нзоми хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар кишварҳои хориҷа хуб мебуд, агар воситаҳои татбиқи онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамуд.

3. Дар зербоби 2.2. дар шакли ҷадвали 2.15. тамоюли тағйирёбии ҳаҷми фоидаи софи ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» нисбат ба дигар ташкилотҳои маблағгузории хурди ватанӣ арзёбӣ гардидаст, вале дар он омилҳои асосии мусоидаткунанда ба рушди нишондиҳандаи мазкур мушаххас пешниҳод нагардидааст, хуб мебуд агар он аз ҷониби муаллиф пурратар арзёбӣ мегардид.

4. Дар таҳқиқот, махсусан дар ҷадвалу диаграммаҳо солҳои таҳлилшаванда гуногун мебошанд (дар баъзе ҷадвалу диаграммаҳо то соли 2023 ва дар баъзе ҳолат то соли 2024 таҳлил гаштаанд), ки ин барои баровардани хулосаи аниқи таҳлилӣ монеа мешаванд ва ин метавонад боиси хулосаи ғалат гардад.

Тавре дар оғози хулоса баён намудаем норасоиву камбудиҳои ошкоргардида ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва арзиши баланди илмии он таъсир намерасонанд.

## 11. Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия

Таҳқиқоти анҷомдодашударо чунин хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсия дар худ таркибу мундариҷа ва навгонии илмиро ифода намуда, ҳалли амиқ ва пурраи вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташударо ифода

менамояд. Ҳамчунин, натиҷаи бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта, асосҳои назариявию амалии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурдро дар шароити муосир ифода менамояд.

Таҳлилу баррасии амиқи муҳтаво ва мундариҷаи диссертатсияи доктори фалсафа (PhD) Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзуи «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир», ки он баҳри дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷуда мутобиқ буда ва муаллифи он сазовори доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
ректори Донишгоҳи давлатии Данғара Хайрзода Ш.Қ.

Имзои Хайрзода Ш.Қ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

**Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н. Данғара, кӯчаи Маркази 25
**Телефон:** (+992 833) 122-28-06;
**Email:** info.dsu2013@gmail.com